# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгохи миллим Точикистон барои дарёфти дарачаи нлмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №______**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24 сентябри соли 2024, тахти №64, бораи сазовор донистани Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод, шахрванди Ҷумҳурии Точикистон ба дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи: «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 02 июли соли 2024, суратмаҷлиси №61 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарачаи илмӣ Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод 8-уми марти соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2008 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2013 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз соли 2013 дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси мудири кабинети таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ намуда ва аз соли 2014 дар вазифаи ассистенти кафедра, аз соли 2023 то ба ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Дар солҳои 2014 – 2018 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, аз соли 2018 инҷониб унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

– **Аминова Фарида Махмадаминовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон.

– **Мирзоев Парвиз Исроилович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Бобоев Ҷамрод Қурбонович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардда, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳукукшиносӣ Оралбаев Х.Х. ва котиби ҷаласа асисстенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳукуқшиносӣ, Дустов С.А. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим санаи 29 августи соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳри 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод 24 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Оид ба баъзе масъалаҳои хусусияти оммавӣ доштани шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ [Матн] / Д. Г.

Хоҷамуродов // Ҳаёти ҳуқуқӣ – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2022. – № 2 (38). – С.197-203. – ISSN 2307-5198.

[2–М]. Ғаюрзода, Ш.К., Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масъалаҳо оид ба унсурҳои асосии шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ [Матн] / Ш.К. Ғаюрзода, Д.Г. Хоҷамуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №4. Қисми I. – С. 226-231. – ISSN 2413–5151.

[3–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Мафҳуми хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ [Матн] / Д.Г. Хоҷамуродов // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 1 (53). – С. 76-82. – ISSN 2410–2903.

[4–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Вазъи ҳуқуқии иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ [Матн] / Д.Г. Хоҷамуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №4. Қисми II. – С. 226-232. – ISSN 2413–5151.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

[5–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масоили истифодабарии маҳсулоти инноватсионӣ ҳангоми хизматрасонии байторӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии иноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ (10-уми июни соли 2014)». – Душанбе, 2014. – С. 331-335.

[6–М]. Ходжамуродов, Д.Г. Понятие ветеринарных услуг по законодательству Республика Таджикистан [Текст] / Д. Г. Ходжамуродов //Материалы второй международной научно-студенческой конференции на тему: «Актуальность проблемы права на современном этапе: взгляд молодежи», (24 апреля 2015 года). – Душанбе: РТСУ, 2015. – С. 50-53.

[7–М]. Ходжамуродов, Д.Г. Некоторые вопросы отношения человека к животным в Исламе [Текст] / Д. Г. Ходжамуродов // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2016. – № 2 (14). – С.17-23.

[8–М]. Ходжамуродов, Д.Г. Понятие ветеринарные услуги как гражданско-правовое категории [Текст] / Д. Г. Ходжамуродов // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2017. – № 1 (17). – С.150-157.

[9–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масъалаҳои ҳифзи саломатии инсон дар хизматрасонии байторӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон, 2018. – Душанбе, – № 1 (09), – С.77-82.

[10–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Вазъи ҳуқуқии байтор дар хизматрасонии байторӣ [Матн] /Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор (солҳои 2018-2028)» «Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «140-солагии Каҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (21 апрели соли 2018) //. – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2018. – С. 412-413.

[11–М]. Ходжамуродов, Д.Г. Понятие ветеринарные услуги как гражданско-правовое категории [Текст] / Д. Г. Ходжамуродов //

Материлы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвяценной «20-ой годавщине Дня национального единства» и «Году молодёжи». – Душанбе: Типография ТНУ, 2017. – С. 291-292.

[12–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масъалаҳо оид ба хизматрасонии байторӣ ҳамчун як намуди хизматрасонии касбӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми майи соли 2018). – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2018. – С. 331-335.

[13–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе аз масъалаҳо доир ба объекти хизматрасонии байторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводҳои форуми дуюми ҳуқуқшиносони ҷавон // Зери таҳрири н.и.ҳ. дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2018. – С. 15-18.

[14–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Оид ба баъзе масъалаҳои нарх дар шартномаи хизматрасонии байторӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Саидои Насафӣ» (18-уми майи соли 2019). – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2019. – С. 129-130.

[15–М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Шартҳои муҳимми шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 270-273.

[16-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масъалаҳо оид ба шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждани дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (25-уми апрели соли 2020). – Душанбе: Нашриёти ДМТ 2020. – С.143-144.

[17–М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Мафҳуми шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рузи ҷавонони Тоҷикистон 23 май» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Солҳои 2020-2040), 18–19 майи соли 2023. – Душанбе, 2023. – С. 200-205.

[18–М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи қонунгузории байторӣ [Матн] / Д.

Г. Хоҷамуродов // Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе: Балоғат, 2023. – 480 с. – С. 167-477.

[19–М]. Хоҷамуродов Д.Г. Тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе: Балоғат, 2024. – 430 с. – С.64-68.

**III. Воситаи таълимӣ:**

[20–М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи шартномавӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Андалеб - Р, 2015. – 244 с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Соҳибов М.М, Саидов Ҳ.М, Бобохонов Ҳ.З.

[21–М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи уҳдадорӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Сино, 2016. – 160 с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҳиматов Ҳ. Н., Қурбонализода Н. Ш., Соҳибов М.М, Саидов Ҳ.М, Бобохонов Ҳ.З.

[22–М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – 232 с.

[23–М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи уҳдадорӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Сино, 2018. – 180 с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҳиматов Ҳ. Н., Қурбонализода Н. Ш., Соҳибов М.М, Саидов Ҳ.М, Бобохонов Ҳ.З.

[24–М]. Ghayurzoda SH.K., Khojamurodov D.G., Qodirzoda S.S. Civil law of the Republik of Tajikistan: textbook part 1[Text] / SH.K. Ghayurzoda, D.G. Khojamurodov, S.S. Qodirzoda // Under the general editorship of Ghayurzoda SH.K. – Doktor of Law, Professor. – Dushanbe: TNU: Printing House, 2024. – 188p.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Каримозода Р.М.** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ёвари сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Каримзода Шараф** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Рофиева Азиза Ҳамдамовна** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

– **Абдураҳимов Сиёвуш** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

– **Раҷабзода Маҳмадёр Носир -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Эродҳо асосан масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла мафҳуми хизматрасонии музднокӣ байторӣ, мафҳуми шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ, хусусияти оммави доштани шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ ва баъзе нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо дар бар мегирад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ум и июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунии, интихоби муқарризони расми ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илми дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи танзими ҳуқуқи маданиии хизматрасонии музднокӣ байторӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ карда шудааст;

– **пешниҳод шудааст:** мафҳуми хизматрасонии байторӣ ҳамчуд объекти танзими ҳуқуқи маданӣ ва объекти ҳуқуқи маданӣ, даврабандии асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар сарзамини тоҷикон, мафҳум шатномаи хизматраснии музднокӣ байторӣ унсурҳои он, хусусиятҳои ҷавобгарии тарафҳои ин шартнома, пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун аксари кишварҳои дигар хизматрасонии музднокӣ байторӣ дар асоси шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ пешниҳод карда мешаванд. Амалишавии хизматрасонии музднокӣ байториро дар шароити имрӯза бидуни шартнома тасаввур кардан имконнопазир аст ва дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба хизматрасонии байторӣ шартнома мавқеи марказӣ дорад;

– **ҷорӣ намудани:** такмили меёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ бахри ҳифзи ҳуқуқи субъектоне, ки ин хизматрасониро истифода мебаранд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои кори илмӣ барои дарки илмии мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасонии музднокӣ байторӣ, рушди асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии

байторӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ ва замони муосир, мафҳум ва унсурҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ва хусусиятҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар ин шартнома замина фароҳам меорад. Инчунин натиҷаҳои он метавонад як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалиии танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ пайдошуда ҳалли худро пайдо кунанд ва дар раванди такмили қонунгузории соҳавии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошт**а самаранок ҷанбаҳои консептуалии илмҳои сотсиология, иқтисодӣ инчунин, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ), ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули оморӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, усулҳои мантиқии мушоҳида, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода бурданд.

– **баён шудани** мафҳуми хизматрасонии муздноки байторӣ ва шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ бо истифода аз адабиётҳои илмӣ, қонунгузории миллию хориҷӣ пешниҳод шудааст;

– **ошкор гардидани** унсурҳои асосии шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ аз қабили тарафҳо, мавзуъ, нарх, муҳлат дар ин шартнома, инчунин мазмун, шакли бастан ва асосҳои тағйир додан ва бекор намудани ин шартнома;

– **омӯхта шуданд:** мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасонии муздноки байторӣ муайян карда шудаанд, рушди асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ ва замони муосир мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, мафҳум ва унсурҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ва хусусиятҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар ин шартнома таҳлил шудааст.

– **аз нав такмил додани** қонунгузории соҳавии байторӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 ва Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили конунгузории маданӣ ва қонунгузории соҳавии байторӣ дар самти хизматрасонии муздноки байторӣ ва шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ этироф мешавад ва шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ як намуди алоҳидаи шартномаи хизматрасонии музднок мебошад ва онро айни ҳол аз шартномаи хизматрасонии музднок ҷудо намудан ғайри имкон мебошад.

**–офарида шуд:** дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ шаклҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, аз қабили ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва пардохти ноустуворона, татбиқ карда мешавад. Ҳар яке аз ин шаклҳои ҷавобгарӣ дар ин шартнома хусусияти татбиқии худро доранд: ҷуброни зиён ҳамчун уҳдадории иловагии муҷозотӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мешавад. Товони зарари маънавӣ дар ин шартнома ҳангоме татбиқ карда мешавад, ки ба сифати фармоишгар шахсе иштирок намояд, ки мақоми ҳуқуқии истеъмолкунандаро дорад. Ноустуворона метавонад дар шартномаи мазкур васеъ татбиқ шавад. Ин шаклҳои ҷавобгарӣ барои таъмини волояти қонун ва ҳимояи манфиатҳои қонунии иҷрокунанда ва фармоишгар равона гардидаанд.

**–муаррифӣ карда шуд:** дар асоси шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ иҷрокунанда чунин уҳдадориҳо дорад: расонидани хизмати сифатноки байторӣ, шахсан расонидани хизмати байторӣ, расонидани хизмат дар муҳлати муайян ва вақти муқарраршуда, таъмини фармоишгар ба иттилооти инфиродан муҳим. Инчунин, дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ фармоишгар чунин уҳдадориҳо дорад, пардохти музди хизматрасонӣ тибқи муҳлат ва тартиби дар шартнома пешбинигардида, мусоидат намудан ба иҷрокунанда, таъмини иҷрокунанда ба иттилооти аҳаммияти калони иҷтимоидошта, риоя намудани дастурҳои иҷрокунанда дар ҷараёни амали шартнома ва баъд аз он.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои маданӣ ба даст оварда шудаанд.

**– барои корҳои таҷрибавӣ:** бинобар бештар ҳолат дар шакли хаттии одӣ, аз ҷумла дар шакли додани чеки хазинавӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои намунаашон муқарраршуда баста шудани шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ ва дар он муқаррар нагардидани ҷавобгарӣ дар шакли ноустуворона хизматрасонӣ аз ҷониби иҷрокунанда ба таври дахлдор иҷро намегардад. Бинобар ин зарур аст, ки барои иҷро накардан ва ё ба таври ғайридахлдор иҷро кардани ин шартнома ҷавобгарӣ дар шакли ноустуворонаи қонунӣ муқаррар карда шудааст.

**– ғоя асоснок шудааст:** натиҷаи омӯзиши муҳтавои «хизматрасонии байторӣ» ва мафҳуми овардашуда муаллиф онро ба ду маъно шарҳ додааст аввалан, ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ ва дувум, ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ.

**– истифода шудаанд:** мазмуни шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ бо маъноҳои гуногун фаҳмида мешавад. Дар зери мафҳуми мазмуни шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ ҳамчун факти ҳуқуқӣ шартҳои шартнома фаҳмида мешаванд. Мазмуни ин шартнома

ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартнома ва ҳамчун ҳуҷҷати танзими инфиродӣ аз бандҳои шартнома иборат аст;

–**муайян шудаанд:** бисёр вақт оид ба мавзуи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ва объекти шартномаи мазкур дар алоҳидагӣ сухан меравад. Байни ин ду категория бояд тафовут гузошт. Мавзуи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ – хизматрасонии байторӣ мебошад, ки дар содир намудани амали муайян ва ё иҷрои фаъолияти муайян аз ҷониби иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) ифода ёфта, баҳри пешгирии бемории ҳайвонот, табобати ҳайвоноти бемор, ташхиси маҳсулоти ҳайвонот ва дигар намудҳои хизматрасонии байторӣ равона шудааст;

–**истифода карда шуданд:** аз ин маълумоти омори расмӣ маълум мегардад, ки дар ҷумҳурӣ соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар ҳоли рушд буда, шумораи ҳайвонот сол то сол зиёд шуда истодааст. Табиист, ки дар ҳолати зиёд шудани шумораи ҳайвонот талаботи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба хизматрасониҳои байторӣ меафзояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ- назариявии ҷумхуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонии муздноки байторӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шӯроӣ диссертатсионӣ аз 24-уми сентябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №15/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо - 4 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**